# Протоколи Маҷлиси Гурӯҳи РЕАКТ

**27 - уми октябри соли 2011**

---

## Ситод оид ба Ҳолатҳои Фавқулодда ва Мудофиаи Граждании минтақаи Кӯлоб

---

Маҳаллаи Борбад № 17, шаҳри Кӯлоб, вилояти Хатлон, Ҷумҳурии Тоҷикистон

---

**Иштирокчиён:**

Рӯйхати иштирокчиён дар замимаи № 1

**Рӯзнома:**

1. Шиносоӣ – Раиси маҷлис.
2. Маълумот ва навигариҳо оид ба офатҳои табиӣ дар минтақаи Кӯлоб – Сардори СҲФ ва МГ.
3. Муаррифии Шабакаи Тагийрёбии Иклим – Холиков Фаррух ва Абдулхаева Бунафша, кормандони ташкилоти чамъиятии Бахт, Аника Хилкема, кормандони ташкилоти VSO.
4. Ахборот аз тарафи шарикон.
5. Дигар масъалаҳо.

**1. Шиносоӣ**

Сардори Ситод оид ба Ҳолатҳои Фавқулодда ва Мудофиаи Граждании минтақаи Кӯлоб, полковник Неъматов Рамазон маҷлиси навбатии гурӯҳи РЕАКТ-ро кушода, иштирокчиёнро хайру мақдам гуфт. Сипас, иштирокчиён худро ба якдигар шинос намуданд.

**2. Маълумот ва навигариҳо оид ба офатҳои табиӣ дар минтақаи Кӯлоб**

Мувофиқи маълумоти полковник Неъматов Рамазон дар моҳи окябри соли 2011 дар минтақаи Кӯлоб ягон ҳодисаи фавқулоддаи табиӣ ба қайд гирифта нашудааст.

**3. Муаррифии Шабакаи Тагийрёбии Иклим – Холиков Фаррух ва Абдулхаева Бунафша, кормандони ташкилоти чамъиятии Бахт, Аника Хилкема, кормандони ташкилоти VSO.**

Корманди ташкилоти VSO Холиков Фаррух оиди шабакаи тагийрёбии иклим баромад карда аз чумла чунин гуфт, ки мувофики пешгуии олимон дар чахон гармшавии иклим мушохида шуда истодааст ки таъсири худро ба тамоми сохахои хаёти инсоният расонидааст. Аз он чумла, камбориши ба сохаи кишоварзи таъсири манфи расонид. Дар шахри Душанбе Маркази экологии чавонон вучуд дорад. Шабака

дар минтакаи иклими шабакахои тобеъи марказ фаъолият дорад. Дар охир намояндаи Т.Ч Бахт аз иштирокчиён хохиш намуд, ки метавонанд ба таври ихтиёрӣ ба аъзогии Шабакаи тагйирёбии иклим дар сатхи вилояти Хатлон шомил шаванд ва барои маълумоти муфассал ба намояндагони Т.Ч Бахт муроҷиат намоянд.

**4.Ахборот аз тарафи шарикон**

**Капитан Раҳматов Саймудасир** намояндаи хадамоти оташнишонии минтакаи Кӯлоб оид ба шумораи сӯхторхо ва зарари онхо дар шахру нохияхои минтакаи Кӯлоб маълумот дод.Аз он ҷумла қайд намуд, ки дар ҳудуди шахру нохияхои минтакаи Кӯлоб **115 ҳодисаи** нохуши сӯхтор ба қайд гирифта шуд, ки маблағи зарари он 363,789 сомониро ташкил медиҳад, ки ин назар ба соли 2010 зиёд мебошад. Омӯзишхо оид ба бехатарии сӯхтор дар ташкилоту муассисаҳо аз тарафи хадамоти оташнишонӣ хуб ба роҳ монда шудааст, аз он ҷумла 1572 маротиба сӯҳбатҳо, вохӯриҳо ва омӯзишхо гузаронида шуд, ки дар онхо 63,291 нафар иштирокчиён фаро гирифта шуд.

**Қурбонгул Қосимова** намояндаи ташкилоти чамъиятии «Наҷоти кӯдакон» доир ба масъалаи тағйирёбии иқлим ва фаъолияти ташкилот суханронӣ намуд.

**Виллем ван Веперен** намояндаи ташкилоти «Каритас» оид ба фаъолияташон суханронӣ намуд ва қайд кард, ки бо сокинони деҳаи Тебалаи ноҳияи Муъминобод барои баланд бардоштани савияи дониши аҳолӣ оид ба офатхои табии омузишхо ва сухбатхо гузаронидаанд ва тасмим гирифтанд, ки чунин ҳамкориҳоро давом диҳанд. Ҳамчунин таасуроти хешро оид ба офати табии - сели 7 майи соли 2011, ки худ шоҳиди зинда буд ба иштирокчиён изҳор намуд.

**5.Дигар масъалаҳо**

Аз иштирокчиён хоҳиш карда шуд, ки барои рӯзномаи маҷлиси ояндаи гурӯҳи РЕАКТ, пешниҳодҳои худро пешакӣ ба котиби маҷлиси гурӯҳи РЕАКТ ва Ситод оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании минтақаи Кӯлоб расонанд.

Маҷлиси навбатии гурӯҳи РЕАКТ рӯзи 24-уми ноябри соли 2011, Панҷшанбеи охири моҳ дар идораи Ситод оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании минтақаи Кӯлоб ба нақша гирифта шудааст.

**Замимаи № 1: Рӯйхати иштирокчиён**

| Ному насаб | Ташкилот | Телефон | Почтаи электронӣ |
|---|---|---|---|
| **Н**еъматов Рамазон | СҲФ ва МГ- и минтақаи Кӯлоб | 2 16 56 | |
| Розиқов Шодӣчон | СҲФ ва МГ- и минтақаи Кӯлоб | 918 48 86 13 | |
| Валиев Саъдулло | Чамоати Мичурини Восеъ. | 988 03 85 58 | |
| Рахматов Саймудасир | ШХДО-и минтакаи ш.Кулоб | 985 92 92 42 | |
| Ҳикматов Назрулло | Раёсати тандурусти минтақаи Кӯлоб | 951 54 53 32 | |
| Виллем ванн Веперен | Каритас | 988 44 22 26 | |
| Фирузчони Зарифи | Оксфам | 918 65 02 10 | |
| Назаромонова Чамила | МСДСП | 955 45 11 33 | |
| Ибрагимов Мирзо | Миссияи Шарқ, шаҳри Кӯлоб | 951 92 44 61 | DP-manager2@miseast.tojikiston.com |
| Талбаков Турахон | Коалитсияи Пахтакор 1 | 917 37 89 31 | |
| Давлатшоев Амиршо | Коалитсияи Пахтакор 2 | 985 96 80 69 | |
| Холиков Фаррух | Т.Ч Бахт | 988 88 09 14 | |
| Мирзоев Рачабалӣ | Коалитсияи Даҳана | 985 15 69 55 | |
| Фазилатов Абдукарим | Коалитсияи Чохтемур | 918 55 66 14 | |
| Аника Хилема | Оксфам шахри Кулоб | | |
| Абдулвоҳидов Носир | Оксфам, шаҳри Кӯлоб | 918 69 55 25 | nabdulvohidov@oxfam.org.uk |
| Неъматов Ибодулло | Т.Ч Бахт | 985 26 80 63 | |
| Фарход Холиков | БРСММ | 918 64 60 27 | |
| Косимова К | Т.Ч Начоти Кудакон | 918 67 80 02 | |